*Барои пешрафт ва саодати халқи Тоҷикистон!*

# ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

ҲАФТАНОМАИ СИЁСӢ - ИТТИЛООТӢ

№ 40 (636),
16 октябри
соли 2025

Нашрияи Кумитаи иҷроияи
Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон
дар вилояти Хатлон

# ИШТИРОК ДАР ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ САРМОЯГУЗОРИИ "ДУШАНБЕ ИНВЕСТ-2025"




Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст иштирокдорони форумро ба Тоҷикистон хайрамақдам гуфтанд.

Таъкид гардид, ки ҳадафҳои асосии ҳамоиш ин муаррифии захира ва имкониятҳои фарохи Тоҷикистон барои сармоягузорӣ, омодагии кишвар ба ҳамкорӣ ва фановариву ғояҳои нав, инчунин тасмими Ҳукумати кишвар ба идомаи ислоҳоту дигаргуниҳое, ки шароити мусоидро барои рушди устувор ва ташаккули шарикии дарозмуддат фароҳам меоранд, ба ҳисоб меравад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки Форуми Душанбе сармоягузориҳои "сабз"-ро, ки рушди устувори иқтисодиро бо дарназардошти адолати иҷтимоӣ ва истифодаи сарфакоронаи захираҳои табиӣ таъмин менамояд, дар маркази таваҷҷуҳ қарор додааст. Гуфта шуд, ки маҳз ба ҳамин хотир, Форум зери унвони

***(Идома дар саҳ. 2)***

**14 октябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Кохи Ваҳдати пойтахт дар Форуми байналмилалии сармоягузории "Душанбе Инвест - 2025" иштирок ва суханронӣ намуданд.**



МАШВАРАТИ КОРИИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ... - саҳ. 2



ДАНҒАРА: БОЗДИДИ РАИСИ ВИЛОЯТ АЗ... - саҳ. 3



АЗ РӮЗГОРИ ТАШКИЛОТҲОИ ПЕШОҲАНГИ... - саҳ. 6



ҚИССАЕ АЗ РӮЗГОРИ БОНУИ СУХАНВАР - саҳ.7

*(Идома аз саҳ. 1)*

“Сармоягузориҳои сабз: имкониятҳои имрӯза барои устувории фардо” баргузор карда мешавад.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки Форум барои таҳияи қарорҳои амалӣ, таҳкими эътимоди тарафайн, кушодани иқтидори сармоягузории минтақа дар асоси принсипҳои устуворӣ ва манфиати мутақобила заминаи муҳим фароҳам меорад.

Аз ҷумла, гуфта шуд, ки ҷойгиршавии стратегии Тоҷикистон дар маркази Авруосиё ба мо имкон медиҳад, ки ҳамчун пайвандгари минтақаҳо ва қитъаҳо баромад карда, долонҳои нави нақлиётӣ, энергетикӣ ва логистикӣ, ки бозорҳо ва мардумони гуногунро муттаҳид мекунанд, таъсис диҳем.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки “Тоҷикистони муосир кишвари дорои иқтисодиёти босуръат тараққиёбанда, рушди боэътимоди муносибатҳои байналмилалӣ ва фазои боз ҳам мусоиди сармоягузорӣ мебошад”.

Зикр карда шуд, ки таи солҳои охир кишвари мо ислоҳоти фарогир ба таҳкими уствории макроиқтисодӣ, рушди бахши хусусӣ, дастгирии соҳибкорӣ, рақамикунонӣ ва татбиқи қарорҳои инноватсионӣ нигаронидаро амалӣ менамояд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқтидори бузурги гидроэнергетикии Тоҷикистон, захираҳои ғании маъдан ва сарватҳои муҳими стратегӣ, сармояи инсонии ҷавон ва пурнерӯро аз афзалиятҳои рақобатпазири кишвари мо номиданд. Оид ба зарурати таваҷҷуҳ ба рушди иқтисоди сабз ва қабули Стратегияи рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2037 низ андешаронӣ сурат гирифт.



Бо ба назар гирифтани имконияту иқтидорҳои соҳаи энергетика ба ширкатҳои манфиатдор лоиҳаҳои ояндадори ин бахш барои сармоягузорӣ пешниҳод карда шуд.

Ҳамчунин, аз сармоягузороне, ки дар самти истеҳсоли технологияҳои муосир, батареяҳо, истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия фаъолият мекунанд, барои саҳм гузоштан дар амалисозии лоиҳаҳои бузургмиқёси ин соҳаҳо истиқбол карда шуд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба самъи иштирокдорони форум имкониятҳои дигари сармоягузории кишвар, аз ҷумла саноати сабук ва хӯрокворӣ, кимиё ва дорусозӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, комплекси агросаноатӣ ва соҳаи сайёҳиро муаррифӣ намуданд.

“Ҳукумати Тоҷикистон барои ташкили фазои мусоиди соҳибкорӣ пайваста чораҷӯӣ менамояд. Имрӯз мо ба сармоягузорон зиёда аз 240 кафолат ва имтиёзҳои гуногун пешниҳод менамоем, ки зиёда аз 110-тои онҳо имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ мебошанд”, изҳор доштанд Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамзамон панҷ минтақаи озоди иқтисодии Тоҷикистонро барои фаъолияти тиҷоратии соҳибкорон ва сармоягузорон созгор номиданд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки ҳадафи стратегии мо табдил додани Тоҷикистон ба макони боэътимоди сармоягузории дарозмуддат мебошад, ки ба ҳамкорӣ бахри рушди устувор ва ҳамгирой ба иқтисоди ҷаҳонӣ нигаронида шудааст.

14 октябр дар Тоҷикистон Рӯзи соҳибкорон таҷлил мегардад.

Бо истифода аз фурсат, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи соҳибкоронро ба ин муносибат самимона табрик гуфта, ба онҳо саломатӣ ва барору муваффақиятҳо орзу намуданд.

Дар фарҷоми сухан Роҳбари давлат изҳори итминон намуданд, ки Форум ба оғози ташаббусҳои нави судманд замина гузошта, ҳамкориро таҳким мебахшад ва барои мардумони кишварҳо ва тараққиёти ҷаҳон натиҷаҳои намоён медиҳад.

Баъди суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳии Форуми байналмилалии сармоягузории “Душанбе Инвест - 2025”, ҳамчунин, Султон Раҳимзода - Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Арипов Абдулло - Сарвазири Ҷумҳурии Узбекистон, Скляр Роман - муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Қазоқистон, Тунку Алӣ Ризауддин ибни Туанку Муҳриз - Валиаҳди Шоҳигарии Нигери-Сембилан, Малайзия, Татяна Молчан - Муовини котиби генералӣ, котиби иҷроияи Комиссияи иқтисодии Созмони Милали Муттаҳид дар Аврупо, Сайид Али Маданизаде - Вазири иқтисод ва молияи Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Холид бин Абдулазиз Ал-Фолеҳ - Вазири сармоягузории Подшоҳии Арабистони Саудӣ суханронӣ намуданд.

**www.prezident.tj**

# МАШВАРАТИ КОРИИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ МАРКАЗИИ ҲХДТ

**13 октябри соли 2025 дар маҷлисгоҳи Кумитаи иҷроияи Марказии ҲХДТ машварати корӣ баргузор гардид.**



Дар кори маҷлис муовини якуми Раиси ҲХДТ Маликшо Неъматзода, муовинони Раиси ҲХДТ, кормандони Дастгоҳи КИМ ҲХДТ, ТҶҶ "Созандагони Ватан", Раисони кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Душанбе, Раисони шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Раисон ва кормандони КИ ҲХДТ аз вилоятҳои Хатлон, Суғд, Бадахшон ба таври онлайнӣ иштирок карданд.

Маҷлисро муовинм якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Маликшо Неъматзода ифтитоҳ намуда, рӯзномаи онро муаррифӣ кард.

Дар ҷараёни маҷлис гузориш аз ҷониби муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Абдуллозода Умеда пешниҳод карда шуд. Гузориш оид ба фаъолияти Кумитаҳои иҷроияи ҳизбҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, амалисозии нақшаи чорабиниҳо, корҳои тарғиботиву ташвиқотӣ, таҳкими ҳамкории ҳизбӣ бо ҷомеа ва дигар самтҳои муҳими фаъолияти ҳизбӣ маълумот пешниҳод намуданд.

Ҳамзамон, аз ҷониби Муовини якуми Раиси ҲХДТ Маликшо Неъматзода дастуру супоришҳои мушаххас барои баргузор намудани чорабиниҳои сиёсиву фарҳангӣ бахшида ба Рӯзи таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва дар сатҳи баланд таҷлил намудани ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуд.

Таъкид гардид, ки тамоми сохторҳои ҳизбӣ дар ин самт бояд бо масъулияти баланд ва нақшаҳои мушаххас фаъолият намоянд.

**Маркази таҳлил ва иттилооти дастгоҳи КИМ ҲХДТ**

# ДАНҒАРА: БОЗДИДИ РАИСИ ВИЛОЯТ АЗ ҶАМЪОВАРИИ ПАХТА ДАР КООПЕРАТИВИ ИСТЕҲСОЛИИ СОМОНҶОН



**11 октябр, узви Раёсати Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва вилоятии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид дар ноҳияи Данғара бо ҷараёни ҷамъоварии пахта дар Кооперативи истеҳсолии Сомонҷон шинос шуданд.**

Мавриди зикр аст, ки Сомонҷон бисёрсоҳа буда, Кооперативи истеҳсолии хоҷагидорон бо риояи қоидаҳои агротехникӣ ба кишту парвариши пахта, сабзавоту полезӣ, ғалладона, зироати техникӣ ва боғу токзор машғул мебошанд.

Раиси вилоят фаъолияти назарраси хоҷагидорони Кооперативи истеҳсолии Сомонҷонро намуна арзёбӣ карда, ба меҳнати садоқатмандонаи аҳли заҳмат баҳои баланд доданд.

Раиси вилоят зимни мулоқот ба аҳамияти соҳаи пахтакорӣ ва нақши он дар рушди иқтисодиёти маҳаллӣ таъкид карданд: "Заҳмати деҳқон барои ҷамъоварии ҳосил саҳми арзанда дар баланд бардоштани сатҳи зиндагии сокинон ва таъмини амнияти озуқаворӣ дорад.»

Хоҷагидорон ва пахтакорон изҳор доштанд, ки бо тамоми қувва ва заҳмати худ ҳосилро сариваќт ҷамъоварӣ намуда, дурнаморо пурра иҷро хоҳанд кард.

**Хадамоти матбуоти раиси вилояти Хатлон**

# РИСОЛАТИ ҶАВОНМАРДӢ



**Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳро Абусаёф Сиямардов, ҷавони ватандӯсту сарсупурдаи ин Ватан қарзи шаҳрвандии ҳар як фарди худогоҳу масъулиятшинос арзёбӣ мекунад. Ҳар дақиқаву ҳар соат Ватану миллат ба ҳимояи фарзандони далеру шуҷоъ ниёз дорад. Имрӯз фарзандони содиқи Ватан на танҳо бо сухан, балки бо иродаву матонати хеш ватанпарастии худро исбот мекунанд.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мегӯянд: “Ҳифзи давлату миллат ва марзу буми кишвар, пеш аз ҳама ба зиммаи шумо ҷавонони баору ғаюр ва далеру шуҷои Ватан вогузор шудааст. Шумо бояд Ватанро ҳамчун модари худ, ҷони худ дӯст доред, ба қадраш расед ва онро чун гавҳараки чашм ҳифз намоед”.

Абусаёф Сиямардов аз ҷавонони оиндасоз ва фарзанди содиқи ин диёр суханони Роҳбари давлатро сармашқи кори худ қарор дода, барои ҳимояи марзу буми ин сарзамин дар даъвати тирамоҳӣ ихтиёран ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваст. Воқеан ҳифзи марзу буми кишвар, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими Истиқлолият вазифаи ҳар як ҷавон ва шаҳрванд мебошад.

Абусаёф Сиямардов, сокини деҳаи Ҳофизи Шерозии Ҷамоати деҳоти Рӯдакии ноҳияи Вахш буда, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро бо ихтисоси мутахассиси гумруки Хадамоти гумрук хатм намудааст.

“Таҳсил дар донишгоҳ ва соҳибмаълумот гаштан орзуи бачагиям буд. Хушбахтона, ба яке аз орзуҳоям расидам. Баъди хатми он тасмим гирифтам, ки бояд қарзи ҷавонмардии худро дар назди халқу Ватан иҷро намоям. Ба волидонам пешниҳоди рафтан ба Артишро додам, онҳо хушҳол шуданду роҳнамоиям карданд. Рӯзи сафарбар шуданамон падару модарам бо сари баланд ва ифтихор аз соҳибистиқлолии кишвар маро дуо дода, гусел намуданд”,- иброз медорад Абусаёф.

Ин сарбоз дар даъвати тирамоҳӣ бо ифтихору ихлосмандии баланд ба комиссариати ҳарбии ноҳия муроҷиат карда, ихтиёран омодагии худро барои хизмат изҳор намуд. Ин тасмими ҷасурона нишон аз садоқати ӯ ба арзишҳои миллӣ, давлатдорӣ ва сулҳу суботест, ки Тоҷикистон имрӯз онро соҳиб аст.

Хизмати ҳарбӣ дар ҳар кишвар, бахусус дар Тоҷикистони соҳибистиқлол, мактаби мардонагӣ, тарбияву руҳияи ватандӯстӣ ва масъулиятшиносист. Абусаёф Сиямардов, хуб дарк мекунад, ки ҳимояи марзу буми кишвар на танҳо вазифаи шаҳрвандӣ, балки қарзи муқаддаси ҳар як ҷавони тоҷик аст. Бо ҳамин андешаи нек ӯ ҷузъи Артиши миллӣ гардида, имрӯз дар яке аз қисмҳои низомӣ дар шаҳри Душанбе адои хизмат мекунад.

Хушбахтона, ҳоло шароити хизмат ва таъминоти техникию лавозимоти ҳарбӣ дар қисмҳои ҳарбӣ дар сатҳи зарурӣ ташкил шуда, дар баробари машғулияти ҳамарӯза аскарон ба хондани китобҳои бадеӣ низ машғул мешаванд. Хизмат дар артишро Абусаёф барои дигар ҷавонон тавсия медиҳад.

“Мо ҳамчун сипари боэътимоди сарзамини муқаддасамон ба хотири ҳимояи суботу оромӣ ва таъмини амнияти давлату ҷомеа ҳамеша омодаем ва ҳаргиз фаромӯш нахоҳем кард, ки фазои орому осудаи имрӯзаи мамлакат бар ивази ҷони ҳазорон нафар ҷавонмардони бонангу номуси тоҷик ва заҳмати бесобиқаи мардуми шарифи Тоҷикистон ба даст омадааст. Ин вазифаи пурмасъул ва ҳимояи Ватан имрӯз ба уҳдаи мо вогузор шудааст”-илова кард сарбоз.

Мавриди зикр аст, ки шарту шароит дар қисмҳои низомӣ ва сатҳу сифати хизмат дар Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат мавриди таваҷҷуҳи бевоситаи Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Муссалаҳи кишвар, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, давоми солҳои соҳибистиқлолӣ дар ин самт тадбирҳои муассир роҳандозӣ шудааст.

Қаҳрамони мо мегӯяд, кӯшиш менамояд, ки дар қисми низомӣ дониш ва малакаи ҳарбии худро васеъ карда, ҳар як рӯзро бо омӯзиш ва машқҳои ҷисмонӣ самаранок гузаронад. Имрӯз, вақте кишвар ба насли ҷавон такя мекунад, иштироки фаъоли онҳо дар муҳофизати Ватан, таҳкими сулҳ ва рушди давлатдории миллӣ назаррас бояд бошад. Солҳои ахир ҷавонони мо бо дарки масъулияти баланд ихтиёрӣ ба артиш рафта, барои фардои дурахшон ва пойдории истиқлоли давлатӣ саҳм мегузоранд.

Маҳз бо чунин фарзандони бонангу номус ва далеру шуҷоъ Ватан пояндаву сарбаланд хоҳад монд. Мо бовар дорем, ки баъди анҷоми хизмат Абусаёф боз ҳам бо як ҷаҳон таҷрибаю худогоҳии бештар ба ҳаёти осоишта бармегардад ва дар рушду пешрафти ҷомеа саҳми арзанда мегузорад. Вақти он расидааст, ки ҳар як ҷавони тоҷик бо пайравӣ аз чунин шахсиятҳо ҷасорату масъулияти ватандӯстии худро нишон диҳад.

Тавре маълум аст, сарбозону афсарони қисмҳои низомии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар бо ҳама гуна шароит, аз қабили хӯрокаву либос ва машқу тамрин таъминанд. Шароити хуби хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи ҷумҳурӣ теъдоди зиёди ҷавононро бо хоҳиши худ ба ҳимояи марзу буми Ватан ҷалб месозад. Бояд қайд намуд, ки хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ дар воқеъ, мояи ифтихор буда, бо адои ин қарзи шаҳрвандӣ ҳар як ҷавони бонангу номуси кишвар дар ҳифзи марзу буми Ватани маҳбуб саҳми муносиб мегузорад.

**Амонҷон МУҲИДДИНОВ, «Ҳамрози халқ»**

# САММИТИ ДУШАНБЕ-МИНБАРИ ҲАМГИРОИИ МИНТАҚАВӢ ВА ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ ГЛОБАЛӢ

**Соли 2025 барои Ҷумҳурии Тоҷикистон як соли таърихӣ ва пуршараф арзёбӣ мегардад, зеро дар ин сол кишвари мо тахти роҳбарии хирадмандонаи Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон раёсати давраги Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро ба уҳда гирифт.**

Ин падидаи сиёсӣ на танҳо нишондиҳандаи нуфузи Тоҷикистон дар арсаи минтақавӣ аст, балки гувоҳи возеҳи афзудани эътибор ва эътимоди байналмилалӣ ба сиёсати сулҳҷӯёнаи Роҳбари давлат мебошад.

Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) яке аз созмонҳои бонуфузи байнидавлатӣ дар фазои пасошӯравӣ ба ҳисоб меравад. Раёсати давраги он фақат ба кишварҳое супурда мешавад, ки бо сиёсати мутавозин, дидгоҳи васеъ ва обрӯи дипломатии худ тавони пешбурди ҳамгироии минтақавиро доранд.

Тоҷикистон, тахти роҳбарии Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сиёсати устувор, хирадмандӣ ва таҷрибаи зиёди байналмилалӣ тавонист ба сифати як давлати фаъол, боэътимод ва созанда дар ин созмон шинохта гардад.

Ҳангоми қабули Раёсат, Тоҷикистон ҳадафҳои аслии худро оид ба таҳкими ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ миёни кишварҳои узв, вусъат бахшидани робитаҳои фарҳангӣ, илмӣ ва гуманитарӣ, вокуниши ҳамоҳанг ба таҳдидҳои амниятӣ ва тағйироти ҷаҳонӣ ва тақвияти нақши ИДМ ҳамчун минбари сулҳ, дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ муайян намуд.

Дар доираи Раёсати Тоҷикистон, шаҳри Душанбе мизбони Самити сарони давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил гардид. Ин чорабинии бонуфузи сиёсӣ иштироки Сарони давлатҳо, роҳбарони ҳукуматҳо ва намояндагони созмонҳои байналмилалиро ҷалб намуд. Чунончӣ зимни баромади худ дар яке аз Конфронсҳои сарони давлатҳои ИДМ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври зайл андешаронӣ намуданд: "Ҳамкории самарабахши давлатҳои ИДМ бояд ба манфиати субот, рушди иқтисодӣ ва беҳбудии иҷтимоии тамоми халқҳои минтақа равона гардад".

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо далелҳои возеҳ зарурати ҳамгироии иқтисодӣ, таҳкими амният, мубориза бо экстремизм, муҳоҷират ва ҳифзи муҳити зистро зикр намуданд.

Таваҷҷуҳи хоса ба масъалаҳои энергетикаи сабз, тағйирёбии иқлим, нигоҳдории пиряхҳо ва ҳифзи захираҳои обӣ низ далели равшани ҷаҳонбинии дурнигаронаи Пешвои миллат мебошад. Ин ташаббусҳо на танҳо барои кишварҳои ИДМ, балки барои тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ аҳамияти калон доранд.

Дар доираи Саммити Душанбе як қатор ҳуҷҷатҳои муҳими ҳамкорӣ имзо гардиданд, ки дар онҳо ҳамкории кишварҳо дар бахшҳои амният, иқтисод, нақлиёт, фарҳанг ва илм дар назар гирифта шудааст. Сарони давлатҳо сиёсати сулҳпарваронаи Тоҷикистонро ҳамчун намунаи устувории минтақавӣ ва саҳми воқеии Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар таҳкими ҳамбастагии давлатҳо арзёбӣ намуданд.

Раёсати Тоҷикистон дар ИДМ на танҳо як вазифаи сиёсӣ, балки ифодаи ифтихори миллӣ ва нишондиҳандаи нуфузи байналмилалии давлат мебошад. Имрӯз ҷаҳониён медонанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан шаҳри Душанбе кишвари сулҳ, дӯстӣ ва ҳамбастагӣ аст. Сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистонро аз як кишвари ҷангзадаи рӯ ба фаношавӣ, ба як маркази муҳими дипломатия ва ҳамкорӣ дар минтақа ва ҷаҳон табдил додааст.

Маҳз бо заҳматҳои пайваста ва сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки Тоҷикистон имрӯз тавонист эътибори худро дар арсаи байналмилалӣ афзоиш диҳад ва ҳамчун кишвари пешбарандаи сулҳу субот шинохта шавад.



Раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар соли 2025 далели равшани иқтидори сиёсӣ, нуфузи дипломатӣ ва сиёсати сулҳпарваронаи давлати тоҷикон мебошад.

Умуман, Саммити Душанбе як саҳифаи нави таърихӣ дар робитаҳои минтақавӣ кушод ва собит сохт, ки зери сарварии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Тоҷикистон тавонистааст ҳам ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳам кишварҳои ИДМ-ро дар роҳи сулҳ, субот ва ҳамкории созанда муттаҳид созад.

**Сулаймон РАҲИМЗОДА,**
**раиси КИ ҲХДТ**
**дар ноҳияи Ховалинг**

# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН-НАҶОТБАХШИ МИЛЛАТ



**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарвари тавоное ҳастанд, ки дар марҳилаи тақдирсози миллат нобоваста аз таҳдиду хатарҳо ба ҷони худ, тавонистанд ба як давлати ҷангзада сулҳу амонӣ биёранд ва мардуми парешонро ба ҳам оварда муттаҳид созанд. Маҳз бо талошҳои пайгирона ва сиёсати сулҳовари ин абармарди ғамхор миллати сарбаланди тоҷик 27 июни соли 1997 ба Ваҳдати миллӣ соҳиб гашт.**

Баъзе нафарон дигар баояндаи неки давлатдории тоҷикон боварӣ надоштанд, мардуми азиятдида бошад, орзуи онро доштанд, ки дубора дар кишвар сулҳу салоҳ ҳукумфармо гардад.

Иқдоми муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дорои аҳамияти ниҳоят бузург буд, зеро ӯ миллатро ба ғолибу мағлуб ҷудо накард ва савганд хӯрданд, ки охирин шаҳрванди фирории Тоҷикистонро ба Ватан бармегардонанд, миллатро сарҷамъ намуда, ҳама дар якҷоягӣ дар заминаи Ваҳдати миллӣ Тоҷикистони соҳибистиқлолро созанд. Бо ин изҳороти худ Сарвари давлат аз ибтидо дарҳоро барои музокира кушод ва ин заминаи бисёр муҳим барои дар оянда шурӯъ шудани музокироти байни тоҷикон гардид.

Қобили зикр аст, ки дар ин роҳи басо душвор шуҷоату ҷасорати нотакрор доштани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаросати азими мардумпарваронаашон, ватанпарастӣ ва миллатдӯстиашон боиси он гардид, ки ҷони худро зери хатар гузошта, барои таъмини ваҳдат ва барқарории сулҳу субот дар Тоҷикистон талош намуда, сулҳу ваҳдатро дар кишвар барқарор намуданд.

Имрӯз мардуми Тоҷикистон ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на ҳамчун Сарвари давлат, балки як наҷотбахши миллат, кафили сулҳу ваҳдат, эҳёгари фарҳанги миллӣ, бунёдгузори мактаби давлатдории муосири миллӣ ва дар маҷмӯъ, ҳамчун меъмори давлатдории навини тоҷикон ва Пешвои эътирофшудаи умумимиллӣ менигаранд.

Ин аст, ки дар Тоҷикистони имрӯза ҷонибдорӣ аз муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маънои васеътар аз ҷонибдорӣ аз Сарвари давлатро гирифтааст, ҷонибдорӣ аз Пешвои миллат ба маънои ҷонибдорӣ аз оянда устувори давлатдории миллӣ, аз истиқлолияти сиёсӣ аз низоми давлатдорӣ, аз суботу амнияти ҷомеа ва ҷонибдорӣ аз ваҳдату сарҷамъии миллат мебошад. Зеро сиришти мардумӣ, эҳсоси худӣ, иродаи қавӣ ва таҷрибаи бузурги муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қалби ҳар шаҳрвандро саршор аз ҳисси боварию эътимод ба фардо, баояндаи фарзандони худ ва ба дурнамои давлату миллат менамояд.

Ин заҳматҳову талошҳои шабонарӯзии Асосгузори сулҳи ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси муззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моро водор месозад, ки мо барои пойдор нигоҳ доштани сулҳу субот ва Ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистони маҳбубамон саҳми арзандаи худро гузорем ва ҳамеша пайрави сиёсати пешгирифтаи Пешвои миллат бошем.

**Манучеҳр МУЗАФФАРИЁН,**
**раиси КИ ҲХДТ**
**дар ноҳияи Шаҳритус**

# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН-МЕЪМОРИ ВАҲДАТИ ТОҶИКОН

**Пас аз ҳазорсолаҳое, ки давлатдории тоҷикон борҳо зери хатар монд, ниҳоят соли 1991 ин орзуи таърихӣ амалӣ гардид. Аммо истиқлол танҳо як дастоварди расмӣ набуд - онро ҳифз кардан, таҳким бахшидан ва бо пояҳои устувор ба наслҳои оянда мерос мондан зарур буд.**



Солҳои аввали соҳибистиқлолӣ кишвари мо ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд. Маҳз дар чунин айёми тақдирсоз шахсияти бузург, фарзанди содиқи Ватан муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зуҳур кард, ки имрӯз тамоми мардуми тоҷик ӯро бо ифтихор Пешвои миллат меномад.

Пешвои миллат ба ҳайси меъмори наҷотбахши давлатдории навини тоҷикон бо иродаи қавӣ ва муҳаббати беандоза ба Ватан ба саҳнаи сиёсат қадами устуворона ва қаҳрамонона гузошт. Сухани таърихии ӯ дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ман ҷони худро барои сулҳ ва ваҳдати миллӣ фидо месозам» ин суханони Пешвои миллат рамзи қаҳрамонӣ ва садоқати ӯ ба халқи тоҷик гардид.

Бо саъю талошҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оташи ҷанги шаҳрвандӣ хомӯш карда шуд. Ӯ сулҳро эҳё намуд ва ваҳдати миллӣ бунёд кард. Дар ҷаҳон кам дида мешавад, ки як миллат бо хирад ва гуфтушунид ҷангро хотима бахшад, аммо тоҷикон бо роҳбарии Пешвои миллат ба ин муваффақ гардиданд. Ин сулҳ на танҳо Тоҷикистонро аз парокандагӣ наҷот дод, балки ҳамчун таҷрибаи нодир дар арсаи байналмилалӣ эътироф гардид.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сиёсати дурандешона давлатдории миллиро аз нав эҳё карда, пояҳои ҳуқуқӣ ва низоми идоракуниро устувор сохтанд, Артиши миллӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқро таъсис доданд. Сиёсати «Дарҳои кушод»-ро пеш гирифтанд, ки бо шарофати он Тоҷикистон ба узви фаъоли ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфт.

Ҳамзамон, Пешвои миллат бунёдгузори садҳо лоиҳаҳои бузурги иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошанд. НБО «Сангтӯда», НБО «Роғун», роҳҳои байналмилалӣ ва даҳҳо корхонаи нави саноатӣ бо дастгирии ин марди ватандӯст бунёд гардиданд. Иншооти стратегӣ имрӯз ҳамчун сутунҳои устувори истиқлолият ифодагари заҳмату қаҳрамонии Пешвои миллат мебошанд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари сиёсатмадор будан, ҳомии фарҳанг ва эҳёгари худшиносии миллӣ мебошанд. Бо ташаббуси ин фарзанди фарзонаи миллат ҷашнҳои бузурги таърихиву фарҳангӣ аз нав эҳё гардид, ки ҳисси ифтихори миллӣ ва ваҳдати тоҷиконро қавитар сохт. Асарҳои илмию таърихиашон, бахусус «Тоҷикон дар оинаи таърих» миллатро бо гузашта ва ҳувияти худ пайваст намуданд.

Ҷойи махсусро дар сиёсати Пешвои миллат рушди муносибатҳои байналмилалӣ ишғол мекунад. Бо ташаббуси ин марди оқилу доно Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун пешсаф дар масъалаҳои об ва амнияти экологӣ шинохта шуд. Қарорҳои Маҷмааи Умумии СММ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», «Об барои рушди устувор» ва эълон гардидани қатъномаи махсуси СММ «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда», аз ҷумлаи дастовардҳои муҳими сиёсати хориҷӣ мебошанд. Имрӯз Тоҷикистон бо кишварҳои зиёд робитаҳои дӯстона дорад ва дар созмонҳои минтақавию байналмилалӣ нақши фаъол мебозад.

Ҳамин гуна иқдомҳо симои Пешвои миллатро на танҳо ҳамчун Роҳбари Тоҷикистон, балки ҳамчун шахсияти сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ намуданд.

Истиқлолият бузургтарин дастоварди миллати тоҷик аст. Аммо ҳифзу таҳкими он бе қаҳрамонии шахсияте, ки мардум бо ифтихор ӯро Пешвои миллат мехонанд, имконнопазир буд. Ташаббус, корнамоию қаҳрамонии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун меъмори сулҳ, созандаи ваҳдат ва кафили истиқлолият дар таърихи тоҷикон бо ҳарфҳои заррин сабт шудааст.

**Азизулло НЕГМАТЗОДА, раиси КИ ҲХДТ дар ноҳияи Вахш**

# РЕЙТИНГИ ҲИЗБӢ «ОБУНА – 2026»

***Обуна ба «Ҳамрози халқ» то 15 октябр***

| *Шаҳру ноҳияҳо* | *Фоизи иҷроиш* |
|---|---|
| Балҷувон | 100 % |
| Левакант | 103,9 % |
| Темурмалик | 100 % |
| Шаҳритус | 100 % |
| Ёвон | 100 % |
| А.Ҷомӣ | 100,1 % |
| Восеъ | 100 % |
| Н. Хусрав | 100 % |
| Ховалинг | 100 % |
| Қубодиён | 101,8 % |
| Хуросон | 100 % |
| Норак | 100 % |
| Кӯшониён | 100,1 % |
| Вахш | 100 % |
| Фархор | 100 % |
| Дӯстӣ | 100 % |
| Бохтар | 100 % |
| Панҷ | 100,2 % |
| Ш. Шоҳин | 100 % |
| Кӯлоб | 100 % |
| Муъминобод | 100 % |
| Чайҳун | 100 % |
| Ҳамадонӣ | 100 % |
| Ҷ. Балхӣ | 80,6 % |
| Данғара | 56,5 % |
| **Дар вилоят** | **97,0 %** |

## "365 РӮЗИ ОБОДОНӢ, СОЗАНДАГӢ ВА БУНЁДКОРӢ"

# ТАРҒИБОТ БО УСУЛИ "ХОНА БА ХОНА"



**ТЕМУРМАЛИК**

Дар доираи татбиқи ташаббуси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон таҳти унвони “365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ” ҷиҳати омодагии ҳамаҷониба ба таҷлили ҷашни таърихии 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Темурмалик вохӯриҳои самаранок бо усули “хона ба хона” роҳандозӣ гардида истодаанд.

Бо ин мақсад, Раҷабзода Маҳмадсаид, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Темурмалик ва Айниддин Аслиддин, муовини раиси ноҳияи Темурмалик ба деҳаи Боғи Мирони Ҷамоати деҳоти Кушктеппа ташриф оварда, бо сокинон вохӯрии ошкоро ва пурмазмун доир намуданд.

Дар рафти мулоқот доир ба мазмуну мўҳтавои Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъалаҳои муҳими сиёсати дохилию хориҷии кишвар, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, махсусан замин ва неруи барқ, пардохти сариваќтии маблағи он, пешгирии ҷинояткорӣ миёни наврасон ва ҷавонон, пешгирӣ аз шомилшавӣ ба равияҳои ифротӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва фарҳангӣ, инчунин зарурати саҳмгузории ҳар як шаҳрванди ватандӯст дар корҳои созандагиву бунёдкорӣ, аз ҷумла ташаббуси ҳизбӣ таҳти унвони “365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ” ибрози андеша карда шуд.

Масъулин зимни суҳбат бо сокинон бо ишора ба зарурати таҳкими Ваҳдати миллӣ ва баланд бардоштани масъулияти шаҳрвандӣ таъкид намуданд, ки ҳар як фарди худогоҳ бояд дар ободонии маҳалли зист, тоза нигоҳ доштани кӯчаву роҳҳо, гулкорӣ ва зебо гардондани муҳити атроф саҳмгузор бошанд. Инчунин, оид ба саҳми аъзову ҷонибдорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар корҳои ҷамъиятӣ ва тарғибу ташвиқи ғояҳои созандаи ҳизб таъкид карда шуданд.

Сокинон дар навбати худ чунин мулоқоту вохӯриҳоро муҳим ва сариваќтӣ арзёбӣ намуда, омодагии хешро барои иштироки фаъолона дар корҳои ободонӣ, саҳмгузорӣ дар ҳалли мушкилоти маҳал ва пешвози арзандаи ҷашни 35- солагии Истиқлолияти давлатӣ ибroz доштанд.

# АЗ РӮЗГОРИ ТАШКИЛОТҲОИ ПЕШОҲАНГИ ҲИЗБӢ



**Ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ, ки дар татбиқи барномаву ҳадафҳои Оинномавии ҳизби сиёсӣ нақши меҳварӣ доранд, дар баробари тарғибу ташвиқи сиёсати давлатӣ, маърифатнокии ҷомеа, ҷалби мардум ба корҳои ҷамъиятӣ ва ҳам таҳкими иттиҳоду ҳамбастагии ҷомеа, ҳамзамон мактаби муҳими тарбияи кадрҳои ҷавон ба зинаҳои роҳбарӣ ба ҳисоб меравand.**

Аскаралӣ Ҳазратқулов омӯзгори хушноми деҳкадаи Ганҷии ноҳияи Носири Хусрав дар баробари оғози кор дар ҷодаи таълиму тарбия, ҳамзамон фаъолияти ҳизбии хешро аз ташкилоти ибтидоии “Маорифчиён”-и ноҳия оғоз бинмудааст.

Замоне ба ҳайси омӯзгори фанни забони англисӣ ба фаъолият оғоз намуд, ки натанҳо мактаби зодгоҳаш, балки тамоми муассисаҳои таълимии ноҳия аз норасоии омӯзгорони забони англисӣ танқисӣ мекашиданд. Ба бахти нахустин дастпарваронаш шурӯъ аз соли хониши 2008-2009 дар ҷадвали дарсҳои Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9 фанни забони англисӣ ҳам сабт гардид, ки ин аз орзуҳои деринтизори дӯстдорони фанни забонҳои хориҷӣ ба хусус, омӯзгори ҷавон Аскаралӣ Ҳазратқулов арзёбӣ мегардид.

Оғози фаъолияти омӯзгорӣ дар дабистоне, ки таълиму тарбия гирифта, ҳар қадамҷояш бароям муқаддас аст, аз рӯзҳои фаромӯшнопазири ҳаёти ман ба шумор меравад. Ҳамон сол ба сафи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон шомил гардидам, то дар радифи рисолати касбӣ саҳми худро дар корҳои ҷамъиятӣ ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар маҳал гузошта бошам,- изҳор дошт дар оғоз мусоҳибам.

– Завқу рағбати беандозаи хонандагони мактаб ба омӯзиши забони англисӣ водор менамуд, ки илова ба нақшаи таълимӣ ҳамзамон, дарсҳои иловагӣ ташкил намоем, то шогирдон то ҳадди тавоноии зеҳниашон ин фанро аз худ намоянд. Таваҷҷуҳи зиёди наврасон ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ бароям ангеза мебахшид, ки бо саъю талоши дучанд фаъолият намудам. Мурури солҳо аз ҳисоби дастпарварони мактаби мо норасоии омӯзгорони фанни забони англисӣ дар муассисаҳои таълимии ноҳия ҳалли худро пайдо кард.

Солҳои 2011-2012 Аскаралӣ Ҳазратқулов сарвари Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9 ноҳияи Носири Хусравро бар зимма дошта, ҳамзамон, фаъолияти омӯзгориро низ идома бахшид. Пас он, ба инобати талаботи рӯзафзуни насли наврас ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва бартараф гардидани мушкили норасоии омӯзгорони фанни забони англисӣ дар дигар муассисаҳои таълимии ноҳия ӯ пурра ба кори таълиму тарбия гузашт.

Ҳамин тавр, солҳои 2016-2021 ба симмати муовини директор оид ба таълим ва аз он ба баъд то имрӯз, директори Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9 мебошад.

Одатан, орзуву ҳадафҳои инсонӣ аз муҳити рӯзгору шароитҳои иҷтимоии ҷомеа сарчашма мегиранд, ки насли ояндасози он ба хотири ҳаллу фасли ин мушкилу муаммоҳо назди худ ҳадаф мегузорад. Замоне омӯзиши забони англисӣ орзуи даҳҳо тан наврасони деҳкадаи Ганҷинаи ноҳияи Носири Хусрав ба ҳисоб мерафт, аммо аз сабаби набудани омӯзгори фаннӣ наврасоне мисли Аскаралӣ китобҳои таълимии забони англисиро худомӯзӣ мекарданд. Ӯ соли 2004 ба Коллеҷи омӯзгории шаҳри Бохтар дохил мешавад ва дар баробари хатми он дар курсҳои забономӯзӣ забони англисиро аз худ кардааст. Солҳои 2008-2012 дар шуъбаи ғоибонаи факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таҳсил дошта, ҳамвора дар мактаби зодгоҳаш аз фанни забони англисӣ дарс мегуфт.

Ба гуфтаи Аскаралӣ Ҳазратқулов сокинони деҳкадаи Ганҷина ба хубӣ дарк мекунанд, ки фарзандони онҳо дар баробари касбу ҳунарҳои гуногун ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ завқу рағбати бениҳоят зиёд доранд. Ин аст, ки дар рустоҳо шахси омӯзгор миёни аҳолӣ мақому мартабаи хосро дошта, хусусан, заҳмати омӯзгорони фанҳои забони давлатӣ ва забонҳои хориҷиро қадр менамоянд.

- Эҳтирому боварии мардум ба маорифчиён аст, ки имрӯз банда дар баробари фаъолияти омӯзгорӣ ҳамзамон, вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Носири Хусрав мебошам. Эътимоди мардум ба омӯзгор неруи тозаву завқи эҷодӣ мебахшад ва мо муаллимон масъулият дорем, ки ҳама ҳастии худро ба таълиму тарбияи насли ояндаи Тоҷикистони азизамон бахшида бошем,- изҳор медорад Аскарали Ҳазратқулов.

– Мояи ифтихору сарбаландии аҳли оилаи мост, ки ману бародарам пешаи омӯзгориро интихоб намуда, бо дуои зодмандону пирони деҳа дар ҷодаи таълиму тарбия ба дастовардҳои назаррас ноил гашта истодаем. Дар баробари рисолати омӯзгорӣ ба ҳайси узви Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон саҳми худро дар рушду пешрафти диёри азизамон хоҳем гузошт.

Самараи заҳмати содиқона дар ҷодаи таълиму тарбия ва саъю талошаш баҳри омода намудани кадрҳои ҷавони омӯзгорӣ, аз ҷумла, ҳалли норасоии муаллимони фанни забони англисӣ дар ин ноҳияи дурдасти кишварамон буд, ки дар арафаи ҷашни Рӯзи забони давлатӣ маорифпарвари асил Аскаралӣ Ҳазратқулов аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишони “Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон” сарфароз гардонида шуд. Тавре худ иқрор меояд, муваффақияту дастовардҳои ӯ, пеш аз ҳама, самараи заҳмати солиёни падару модар, устодонаш дар ин ҷода, саъю кӯшиши пайвастаи ҳампешагонам дар самти таълиму тарбия, тартибу интизоми муассисаи таълимӣ ва инчунин, бурдбориҳои шогирдонаш дар илму донишандӯзӣ аст.

Шукри қисмат ва тинҷиву осудагии Тоҷикистони азиз, ки бо фароҳам гардидани шароиту имкониятҳои таҳсил, мо насли даврони Истиқлол баҳри расидан ба орзуву армонҳои худ ҷидду ҷаҳд намуда истодаем,- мегӯяд Аскаралӣ Ҳазратқулов.

- Дар ин пайроҳаи пурифтихори омӯзгорӣ ҳидоятгару роҳнамои мо Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки дар пешбурди сиёсати давлатдорӣ соҳаи маорифро дар мадди аввал гузошта, зимни суханрониашон пайваста таъкид менамоянд, ки: “Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф намуда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем”.

Бо ҳама масъулиятҳои роҳбариву иштирок дар чорабиниҳои сатҳи гуногун ва саҳмгузорӣ дар ташаббусҳои ҳизбӣ масъалаи омӯзиши забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи роҳбарият ва омӯзгорони фании Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9 қарор дорад. Ба гуфти Аскаралӣ бо шарофати соҳибистиқлолии кишварамон сол аз сол ҷиҳати илму ҳунаромӯзии насли наврас шароиту имкониятҳои беҳтару бештар фароҳам гашта истодааст.

- Рисолати касбии мо маорифчиёни ноҳияи Носири Хусрав аст, ки дар баробари баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, бояд шогирдонро ба интихоби касбу ҳунарҳое роҳнамоӣ созем, ки дар ноҳия ба он эҳтиёҷи бештар доранд. Вобаста ба ин ва дигар масоили рӯзмарра мо фаъолони ташкилотҳои ибтидоии ҳизбии соҳаи маориф дар ҳамкорӣ бо Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Носири Хусрав суҳбату вохӯриҳо, мизи мудаввар ва дигар чорабиниҳои сиёсиву фарҳангиро густариш бахшида истодаем.

**Ҷамолиддин УСМОНИЁН,**
**“Ҳамрози халқ”**

# ҚИССАЕ АЗ РӮЗГОРИ БОНУИ СУХАНВАР

**Имрӯз нақши занон дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон беш аз пеш равшан ва муассир гардидааст. Дар баробари иҷрои рисолати муҳимми модарӣ, занон дар пешбурди ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар фаъолона иштирок намуда, дар ҳамаи самтҳо ҳиссаи арзандаи худро мегузоранд. Онҳо дар паҳлуи мардон дар соҳаҳои гуногуни хоҷагидорӣ фаъол буда, бо заҳмати софдилона дар ободиву пешрафти Ватан саҳм мегиранд.**



Яке аз чунин бонуи фаъол ва эҷодкор Шарофати Дониёр мебошад, ки сардабирии маҷаллаи «Меҳровар»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлонро ба уҳда дорад. Ӯ зани сахткӯш, суханвар ва боғайратест, ки роҳи пурмасъулияти рӯзноманигориро бо муҳаббат ва садоқат тай намудааст.

Мо чанде пеш бо ин бонуи фаъол суҳбати самимие анҷом додем. Инак, фишурдаи онро манзури хонанда мегардонем:

**– Муаллима, хоҳишмандем мухтасар аз фаъолияти худ ба хонанда маълумот медодед?**

– Ташаккур. Хатмкардаи собиқ Донишгоҳи омӯзгории ба номи Т. Г. Шевченко (ҳоло ба номи устод Садриддин Айнӣ) мебошам. Фаъолияти худро аз рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» оғоз намуда, сипас дар нашрияҳои «Адабиёт ва санъат», «Комсомоли Тоҷикистон» ва инчунин ҳамчун муҳаррири барномаи «Меҳрафрӯз»-и Кумитаи радиошунавонии вилояти Хатлон фаъолият доштам.

Пасон дар вазифаҳои гуногун, аз ҷумла дар Кумитаи кор бо занон ва оила, шуъбаи кор бо занон ва оилаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Балҷувон, раиси Ҷамоати деҳоти Саталмуш (ҳоло ба номи Сафар Амиршоев) ва раиси Кумитаи маҳаллаи Хатлон дар шаҳри Бохтар фаъолият бурдам. Бо таҷрибаи ғанӣ ва муҳаббат ба Ватан, ҳамеша кӯшидаам дар роҳи баланд бардоштани мақоми занон, тарбияи насли наврас ва густариши фарҳанги миллӣ саҳмгузор бошам.

**– Лутфан, каме бештар дар бораи барномаи «Меҳрафрӯз» маълумот медодед. Чӣ зарурате барои таъсиси он пеш омад ва чӣ аҳамият дошт?**

– Бале, барномаи «Меҳрафрӯз» яке аз хотирмонтарин ва пурмуҳтавотарин барномаҳои радиои вилояти Хатлон буд, ки маҳз ба дарду ормон, розу ниёзи қалбҳои занону модарон ва хоҳарони мо бахшида шуда буд.

Таъсиси он ба як давраи ниҳоят ҳассоси таърихӣ, яъне ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ рост омад. Дар баъзе минтақаҳо, аз ҷумла водии Рашт, гурӯҳҳои мусаллаҳ ҳанӯз фаъол буданд ва вазъро ноором месохтанд.

Зимни як маҷлиси дохилиидоравӣ марҳум Баҳриддин Мирзоалиев, сармуҳаррири вақти радиои вилоят пешниҳод кард, ки мо бояд дар радиои вилоят барномае таъсис диҳем, ки овози занони дарддида, гурезаву фирорӣ ва модарони маҷрӯҳ аз ҷангро бозгӯ кунад.

Ҳамин тавр, аз байни чанд унвони пешниҳодшуда номи «Меҳрафрӯз»-ро интихоб намудем, номи рамзие, ки маънои афрӯзандаи меҳру муҳаббат, рӯшанкунандаи хонадони тоҷик, рамзи садоқат, вафо ва гармои модариро ифода мекунад. Ин барнома дар он рӯзҳо ягона барномаи хоси занона дар радиои вилоят буд ва дар муддати кӯтоҳ ба минбари пуреътимоди занону бонувони тамоми гӯшаву канори Хатлонзамин табдил ёфт. Мухотабонашро аз байни модарони бозорнишин, омӯзгорони деҳот, момодояҳо, табибон ва занони роҳбарикунанда пайдо мекард.

«Меҳрафрӯз» аз аввалин лаҳза то имрӯз марҳилаҳои гуногуни рушди занонро инъикос карда, дар тарбияи маънавӣ ва баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа нақши муассир гузоштааст. Барои ман ҳамчун муаллиф ва ровии барнома, ҳар суҳбат, ҳар ниёзи қалбӣ, ҳар ашки модар сабақи ҳаётӣ буд.

**– Шуморо ҳамчун шоира ва мураттиби китоби «Гулҳои Хатлон» мешиносанд. Дар бораи эҷодиёти худ ва нақши бонувони суханвари хатлонӣ каме маълумот медодед?**

– Ҳанӯз аз овони наврасӣ шеър мегӯям ва намунаи шеърҳоям дар нашрияҳои даврӣ: «Пионери Тоҷикистон», «Машъал» ва «Садои Шарқ» мунтазам ба табъ мерасиданд. То имрӯз чанд китоби шеърии ман бо номҳои «Дасти модар», «Модарам мепазад нон», «Лолаи орзу» ва маҷмуаи «Рубоиёт» дастраси хонандагон гардидаанд.

Солҳое, ки вазифаи раиси Бунёди забони вилояти Хатлонро ба уҳда доштам, китобҳои «Се ғаввоси баҳри маънӣ» (ба қалами Латофат Сироҷева) ва «Шукуфаҳои Балҷувон» (маҷмуаи дастаҷамъии ашъори бонувони кӯҳистон), «Гулҳои Хатлон»-ро ба нашр расонидам. Маҷмуаи «Гулҳои Хатлон» намунаи ашъори 54 тан бонуи суханварро дар бар мегирад. Дар ҳар шаҳру ноҳияи вилояти Хатлон бонувони суханвар ба назар мерасанд, ки шеъри пурмуҳтаво, дилнишин ва пурмаъно эҷод мекунанд.

Мо дар ҳар русто, дар қалби ҳар модар ва духтари тоҷик заррае аз истеъдоди адабиро мебинем. Аз ин рӯ, бо кӯшиши пайваста тавассути маҷаллаи «Меҳровар» чеҳраҳои нави адабиро кашф ва муаррифӣ мекунам. Маҷмуаи «Гулҳои Хатлон» ҳанӯз ибтидои кори мост ва ин иқдом минбаъд низ идома мекунад.

**– Чӣ ангезае шуморо водор намуд, ки аз зиндагии собиқ бонуи сиёсатмадори кишвар шодравон Низорамоҳ Зарифова китобе нависед?**

– Шодравон Низорамоҳ Зарифова яке аз чеҳраҳои барҷастаи сиёсӣ ва ходими давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, ки дар даврони худ тавонист бо дониш, матонат ва садоқаташ ба давлат ва миллат дар арсаи сиёсат нақши намоён гузорад. Ӯ шахсияти дорои вижагиҳои хоси роҳбарӣ буд, ки дар баробари мардон бо ҷасорату масъулият фаъолият мекард.

Ҳамчун яке аз аввалин бонувони фаъоли арсаи сиёсати тоҷик, номи шодравон Низорамоҳ Зарифова бояд намунаи ибрат барои наслҳои имрӯзу фардо зинда нигоҳ дошта шавад. Китоби «Аз мактаби модар то арсаи сиёсат» ба зиндагӣ ва фаъолияти ӯ бахшида шудааст. Пас аз мутолиаи ин асар хонанда метавонад худ арзиши шахсият ва хизматҳои ин бонуи шарифро дуруст дарк ва баҳогузорӣ намояд.

**– Шумо бо кадом чеҳраҳои маъруфи адабӣ ва фарҳангии кишвар равобити эҷодӣ ва дӯстона доштед?**

– Ман ҳамеша бо муҳити адабӣ ва фарҳангӣ робитаи наздик дорам. Дар даврони донишҷӯӣ мо бо шавқу шӯр иди Наврӯзро бо иштироки устодон Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва Гулрухсор таҷлил мекардем. Он рӯзҳо илҳомбахш ва фаромӯшнашаванда буданд.

Хушбахтам, ки аз суҳбат ва ҳамнишинӣ бо чеҳраҳои маъруфи фарҳангии кишвар, ҳунарманди машҳур Маъруфхоҷа Баҳодурхоҷа, устод Мирсаид Миршакар, Артисти халқии Тоҷикистон Гавҳар Мирҷумъаева, файласуф ва донишманди барҷаста Муҳаммадҷон Осимӣ, табиби шинохта Олимов ва рӯзноманигорони маъруф Муҳиддин Олимпур ва Буринисо Бердиева, собиқ сармуҳаррири рӯзномаи «Маориф ва маданият» баҳра бурдаам. Ҳар кадоми онҳо бо ҷаҳони маънавӣ ва фазилатҳои неки худ ба ман илҳом ва сабақи зиндагиву эҷод бахшидаанд.

**Ташаккур барои суҳбат!**

**Мусоҳиб,**
**Раҷабалӣ ХУДОЁРЗОДА,**
**«Ҳамрози халқ»**

---

**"365 РӮЗИ ОБОДОНӢ, СОЗАНДАГӢ ВА БУНЁДКОРӢ"**

# ТОЗАГИИ МУҲИТ – ҲАДАФИ АСОСӢ

**Н. ХУСРАВ**

Дар доираи ташаббуси ҳизбӣ таҳти унвони “365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ” бо ибтикори Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Носири Хусрав ва дастгирии ташкилоти ибтидоии “Фарҳангчиён” дар Боғи фарҳангии ноҳия шанбегии дастаҷамъона баргузор гардид.

Аъзои ташкилоти мазкур фаъолона дар ин чорабинӣ иштирок намуда, гирду атрофи боғро аз партовҳо ва алафҳои бегона поксозӣ намуда, бехи дарахтону гулбуттаҳои ҳамешасабзро нарм карданд.

Ин иқдом бахшида ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ гардида, аз тарафи фаъолон ва ҷонибдорони ҳизб ҳамчун амали созанда ва ватандӯстона дастгирӣ меёбад.



# ЗАФАР МУБОРАК!



Дар асоси маълумотҳои Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ба санаи 15-уми октябри соли ҷорӣ шаҳру ноҳияҳои Дӯстӣ, Левакант, Ёвон, Данғара, Бохтар ва Вахш аз уҳдаи дурнамои ҷамъоварии ҳосили пахта бо сарбаландӣ баромаданд.

Мавриди зикр аст, ки дурнамои ҷамъоварии ҳосили пахта дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 254 ҳазору 300 тоннаро ташкил медиҳад. Деҳқонони вилоят то санаи 15-уми октябри соли 2025 зиёда аз 214 ҳазору 615,2 тонна пахта ҷамъоварӣ намудаанд, ки ин 84,39 фоизи дурнамои солонаро ташкил медиҳад.

Аз таҳлилҳои оморӣ бармеояд, ки иҷроиши дурнамои ҷамъоварии ҳосили пахта дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 119 ҳазору 559,2 тонна зиёд мебошад.

Раёсати Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон заҳматкашони шаҳру ноҳияҳои болозикрро ба муносибати сарбаландона иҷро намудани дурнамои ҷамъоварии ҳосили пахта самимона табрик намуда, аз деҳқонони дигар шаҳру ноҳияҳои пахтакор даъват менамоянд, ки баҳри иҷрои дурнамои ҷамъоварии ҳосили пахтаи вилояти Хатлон аз пешқадамон ибрат гирифта, саҳми муносиб гузоранд.

**Зафар муборак, ҳамдиёрони азиз!**

# ПАХТА-БОИГАРИИ МИЛЛАТ ВА КАФОЛАТИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ



**ВАХШ**

Пахта ҳамчун яке аз маҳсулоти стратегии соҳаи кишоварзӣ, боигарии воқеии давлат маҳсуб ёфта, дар рушди иқтисоди миллӣ ва таъмини ҷойҳои корӣ нақши калидӣ мебозад. Бо дарки аҳаммияти ин соҳа, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳар як шаҳру ноҳияи пахтакор дурнамои дақиқи истеҳсоли пахтаро муайян намудааст.

Ноҳияи Вахш, ки дар байни ноҳияҳои пешсафи пахтакори кишвар қарор дорад, саҳми намоён дар иҷрои ин дурнамо дорад. Имрӯзҳо деҳқонону пахтакорони ноҳия бо дастгирии аъзову ҷонибдорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, фаъолон ва аҳолӣ кӯшиш доранд, то харҷи зудтар иҷрои дурнаморо таъмин намуда, то кӯраки охирини ҳосилро ҷамъоварӣ намоянд.

Бо истифода аз рӯзҳои мусоиди обу ҳаво, кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Вахш низ ба саҳро баромада, дар канори марди деҳқон ҳамчун дастгирӣ ва рамзи ваҳдати ҳизбӣ дар ҷамъоварии пахта саҳм мегузоранд.

Ин гуна ташаббусҳо на танҳо ба иҷрои нақшаҳои истеҳсолии ноҳия кумак мерасонанд, балки рӯҳияи ватандӯстӣ ва масъулияти шаҳрвандиро дар ҷомеа таҳким мебахшанд.

# АЗ ТАШАББУСҲОИ ҲИЗБӢ



**ХОВАЛИНГ**

Дар доираи ташаббуси ҳизбии "365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ" бо иқдоми Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Ховалинг, дар ҳамбастагӣ бо аъзои ташкилоти ибтидоии "Гулзор"-и деҳаи Гулзор ва дастгирии соҳибкорони маҳаллӣ корҳои таъмири ҷории хатти оби нӯшокӣ идома дорад.

То имрӯз зиёда аз 1 километр қубурҳои фарсуда иваз карда шуда, мақсад аз роҳандозии ин иқдом таъмини пурраи сокинон бо оби тозаи нӯшокӣ мебошад.

Сокинон ва фаъолон ин ташаббуси созандаро ҳамаҷониба истиқбол намуда, тасмим доранд, ки ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистонро бо дастовардҳои арзанда пешвоз гиранд.

## "365 РӮЗИ ОБОДОНӢ, СОЗАНДАГӢ ВА БУНЁДКОРӢ"

# ҚАДАМҲОИ УСТУВОР БА СӮИ ОБОДОНӢ

**ҶАЙҲУН**



Дар асоси дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳ-мон дар доираи тшаббуси ҳизбӣ таҳти унвони «365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ» дар ноҳияи Ҷайҳун корҳои ободонию созандагӣ вусъати тоза гирифтаанд.

Бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия, дар ҳамкорӣ бо Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷайҳун ва дастгирии соҳибкорони ватандӯст, фаъолони ҳизб ва аҳли ҷамоатчигӣ 450 метр роҳи деҳаи Айнии Ҷамоати деҳоти Панҷ мумфарш карда шуд.

Дар маросими оғози корҳои мумфаршкунӣ раиси ноҳия Одиназода Абдулҳафиз Абдусаттор иштирок намуда, аҳаммияти ободонии роҳҳоро барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии сокинон таъкид намуд.

Ин иқдом на танҳо барои истиқболи сазовори ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ роҳандозӣ гардидааст, балки воситаи муҳими беҳбуд бахшидани шароити иҷтимоии мардум, сабуксозии рафтуомади нақлиёт ва мусоидат ба рушди деҳот арзёбӣ мегардад. Сокинон бо рӯҳияи баланди ватандӯстӣ аз ин ташаббус истиқбол намуда, бо ҳисси масъулият дар корҳои бунёдкорӣ саҳмгузор гардиданд.

Ташаббусҳои чунин муҳиму сариваҳтӣ бозгӯйи ваҳдати ҷомеа ва садоқат ба сиёсати бунёдкоронаи Пешвои миллат мебошанд.

# МУМФАРШКУНИИ РОҲ ДАР КӮШОНИЁН

**КӮШОНИЁН**



Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дар доираи татбиқи ташаббуси «365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ» бахшида ба таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Кӯшониён мумфаршкунии роҳи деҳаи Гули Сурхи Ҷамоати деҳоти Навбаҳор оғоз гардид.

Дар маросими оғоз ба корҳои мумфаршкунӣ раиси ноҳия Холзода Маҳмадшариф, сардори Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Хатлон Рамазон Насридинзода, сокинон ва фаъолони маҳаллӣ ширкат варзиданд.

Сокинон, соҳибкорони ватандӯст, аъзои фаъоли ҲХДТ тасмим гирифтаанд, ки роҳи деҳаро дар масофаи беш аз 1,5 километр мумфарш намоянд. Иқдоми дастаҷамъонаи онҳо ҳамчун намунаи беҳтарини ҳамбастагии мардум ва мақомоти маҳаллӣ баҳогузорӣ шуд.

Раиси ноҳия Холзода Маҳмадшариф ин ташаббусро арзандаи таҳсин дониста, изҳори сипос ва миннатдории худро ба сокинон ва соҳибкорони фаъол баён кард.

Дар охир ба як қатор фаъолони деҳа, аз ҷумла раиси маҳалла сипоснomaҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилояти Хатлон супорида шуд.

Ин ташаббус нишона аз масъулияти шаҳрвандӣ ва ҳисси баланди ватандӯстии мардуми ноҳияи Кӯшониён мебошад, ки барои ободии Ватан саҳми арзанда мегузоранд.


# Ҳамрози халқ

Ҳафтаномаи сиёсӣ - иттилоотӣ

**Аз соли 2003 нашр мешавад. Моҳи январи соли 2024 таҳти рақами №412/РЗ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.**

Муассис: **Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон.**

Сармуҳаррир: **Зебо Икромзода**

Ҳайати мушовара: **Давлаталӣ Саид,** раиси вилояти Хатлон, **Анзурат Абдусаломзода**, муовини раиси вилояти Хатлон, **Саидзода Ҷамшед Ҳамро,** раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон.

Ҳайати эҷодӣ: **Ҷамолиддин Усмониён, Раҷабалӣ Худоёрзода, Аҳлиддини Муборакшоҳ, Адиба Нодирова** рӯзноманигор, **Меҳроб Салимбеков,** саҳифабанд.

Ба хотири чандандешӣ мақолаҳое низ чоп карда мешаванд, ки на ҳама вақт ҳайати эҷодии ҳафтанома ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон ба муҳтавои он мувофиқанд. Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.. Матолиби ҳафтаномаро дар дигар васоити ахбори омма танҳо бо нишон додани манбаъ метавон истифода кард.

Нишонии мо: **шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ - 47, бинои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, ошёнаи сеюм.**

Телефонҳои мо: **(8 3222) 2-12-12**

Сомонаи КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон: **www.hkhdtkhatlon.tj**

E-mail: **info@hkhdtkhatlon.tj**




Ҳафтанома дар чопхонаи нашриёти «Мега-Принт» бо теъдоди **24030** нусха нашр шуд.